**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.
___________________________
«23» ___05___ соли 2025

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шуд.

Исозода Баҳодур Чиллахон *соли 2005 шуъбаи рӯзонаи факултети* ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Исозода Баҳодур Чиллахон дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2024 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Сафарзода Бахтовар Амиралӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хулосаи зерин қабул гардид:

Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он аз рӯйи ихтисоси баррасишаванда пурра мутобиқат мекунад.

Мубрам будани мавзуи пажӯҳиш аз ҷониби унвонҷӯ чунин асоснок гардидааст, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи инсон ҳамчун арзиши олӣ эълон шуда, эҳтиром, риоя ва ҳифзи он ба вазифаи бевоситаи давлат мансуб мебошад. Дар амалияи татбиқи ин вазифаи давлатӣ ҳама шохаҳои ҳокимият иштирок мекунанд, вале мавқеи марказиро низоми судӣ доро мебошад. Бешубҳа, ҳифзи судии ҳуқуқи инсон танҳо дар сурати ба

даст овардани мустақилияти ҳокимияти судӣ ва мустақилияти воқеии судяҳо босамар хоҳад буд. Албатта, моҳияти конститутсионӣ пайдо намудани ин усули ҳимояи инсон муҳиммияти онро ошкор намуда, дар ҳамин замина санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар низ қабул ва мавриди амал қарор гирифтаанд, ки ба таври муфассал мазмун ва моҳияти механизмҳои ҳимояи судии ҳуқуқи инсонро танзим менамоянд.

Дар сӣ соли истиқлолият дар Тоҷикистон раванди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ гузаронидашуда истодааст. Аммо раванди ислоҳот ва такмили ҳокимияти судӣ ва фаъолияти он ба ҳеҷ ваҷҳ ба анҷом нарасидааст. Дар давлат ва ҷомеа ҳолатҳое ҷой доранд, ки аксар вакт ба раванди ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ монеа эҷод менамоянд. Бо вуҷуди он ки солҳои охир дар Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти самараноки ҳокимияти судӣ як қатор тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ андешида шудаанд, ҳанӯз ҳам соҳаҳо ва самтҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ боқӣ мондаанд, ки ба ислоҳот ниёз дорад.

Маврид ба тазаккур аст, ки Тоҷикистон аъзои як қатор ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ буда, дар доираи онҳо санадҳои муҳимми байналмилалии марбут ба ҳуқуқи инсонро тасдиқ намудааст, ки ҷузъи таркибии онҳоро механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла механизмҳои судӣ ташкил медиҳад.

Ҳифзи судии ҳуқуқи инсон муҳимтарин ниҳоди низоми муосири механизмҳои миллии ҳифзи ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Дар адабиёти илмӣ ба таври махсус *қайд мегардад, ки риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон*, ҳимояи манфиатҳои қонунии ӯ танҳо дар давлате имконпазир аст, ки дар он волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ таъмин гардида, тавассути он принсипҳои бунёди давлати ҳуқуқбунёд амалӣ мегарданд. Аз ин лиҳоз, ҳар як давлат на танҳо вазифаи расман эълон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон, балки ташкили механизмҳои босамари ҳифзи ҳуқуқи инсонро низ ба зимма мегирад.

Таҳлили муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад чунин хулоса баровардa шавад, ки дар он як қатор муқаррароти муайянкунандаи самтҳои асосии ҳифзи судӣ, ҳуқуқу озодиҳои тахти ҳимояи судӣ қарордодашуда, шартҳои ба таври дахлдор ташкил намудани фаъолияти судӣ ва кафолатҳои татбиқи ҳифзи судӣ таҳким ёфтаанд.

Бо ин назардошт, ҳадаф аз анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод намудани роҳу усулҳои ҳуқуқие мебошад, ки ба ташаккули ҳимояи судии ҳуқуқи инсон таъсир гузоранд.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки ҳифзи судӣ тарзи дар Конститутсия тақвиятёфтаи ҳифзи давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби судҳо амалӣ мегардад ва тавассути он татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон таъмин карда мешавад.

Такмили қонунгузории соҳа, муайян намудани мақсад, ҳадаф, вазифа, шакл ва принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дурнамои такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва дигар мушкилоти соҳа, аз ҷумлаи масъалаҳоеанд, ки дар рисола таҳқиқ шудаанд.

Бояд ишора намуд, ки масъалаҳои гуногуни ҳимояи судии ҳуқуқи инсон аз ҷониби олимони ватанӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, аммо аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ дар самти ишорашуда таҳқиқоти фарогири илмӣ сурат нагирифтааст. Дар ҳамин замина, ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки меъёрҳои мавҷудаи қонунгузории соҳа, асосноknамоии илмиро тақозо менамоянд. Зеро, мазмун ва моҳияти онҳо талаботи имрӯзаи ҷомеаро қонеъ карда наметавонанд. Мувофиқ кунонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҳимояи судии ҳуқуқи инсон ба талаботи воқеии аҳолӣ ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва аз байн бурдани мухолифат миёни онҳо имконият фароҳам меорад, ки ин соҳа пеш рафта, рушд намояд. Дар умум масъалаҳои зикргардида мубрам ва рӯзмарра будани мавзуи пажӯҳиши рисолаи илмиро асоснок менамоянд.

Бинобар таъкиди унвонҷӯ пажӯҳиши мавзуи мазкур яке аз масъалаҳои бунёдии дар илми ҳуқуқӣ ба шумор меравад. Мурур ба сарчашма ва адабиёти илмии ҳуқуқшиносӣ шаҳодат медиҳад, ки то кунун вобаста ба мавзуи матраҳшуда дар ҳавзаи ҳуқуқшиносии кишварамон таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ё монографӣ ба ҳадди ангуштшумор анҷом гирифтааст.

Муҳаққиқ мавзуи ҳимояи судии ҳуқуқи инсонро бо усулҳои илмӣ таҳлил намуда, ҳадафҳо, вазифаҳо ва функсияҳо, инчунин шаклу принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар заминаи ислоҳоти низоми судии Тоҷикистон ба муайян намудани шароиту сабабҳое, ки муваффақияти нокифояи онро ошкор мекунанд, инчунин ба муайян намудани самтҳои такмили иштироки ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мусоидат менамоянд, муҳим арзёбӣ намудааст. Зимни омӯзиши масъалаи мазкур унвонҷӯ як қатор хулосаҳои илмӣ ва дар заминаи онҳо пешниҳодҳои мушаххас пешкаш кардааст.

**Мақсади аз таҳқиқоти** мазкур гузаронидани таҳлили ҳуқуқӣ-назариявии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад. Ҳадафи таҳқиқот инчунин омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти ҳуқуқҳифзнамоии ҳокимияти судӣ, ошкор намудани камбудиҳо дар ин самти фаъолият ва манзур намудани

пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти судӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон, ҳамзамон муайян намудани тамоюлҳои рушд ва самтҳои такмили он мебошад.

Ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафи мазкур вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

– муайян намудани институтсионализатсияи воситаҳо ва шаклҳои ҳимояи судии ҳуқуқи инсон;

– омӯзиши ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун объекти таъсири ҳокимияти судӣ дар Тоҷикистон;

– мушаххас намудани мақсадҳо, вазифаҳо, функсияҳо, шаклҳо ва принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон;

– таҳқиқи омилҳои муайянкунандаи самаранокии фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон;

– таҳлили тадбирҳо оид ба ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.

Дар пажӯҳиш муаллиф аз усулҳои умумӣ ва махсус истифода намудааст, ки маъмултарини онҳо усулҳои диалектикӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ, усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил, синтез, мантиқӣ-забонӣ, шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал кӯшиши таҳлили комплексии умумитаълимии механизми ҳуқуқӣ-давлатии таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, мушкилоти ташаккул ва рушди механизми ҳокимияти судӣ сурат гирифт. Инчунин навоварии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар илми ватанӣ тамоюлҳои асосии ташаккул ва рушди ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои хоси фаъолияти он оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ошкор гардида, таҳқиқи вазифаҳои ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гузаронида шуд, омилҳо ошкор ва таснифбандӣ карда шуданд, самтҳои такмили минбаъдаи ҳокимияти судӣ ва фаъолияти он оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ба самаранокии фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсир мерасонанд, муайян карда шуданд.

Ҳамзамон, аз ҷониби унвонҷӯ Исозода Б.Ч., як қатор тавсияҳои амалӣ барои мукаммал гардонидани қонунгузории амалкунанда пешниҳод гардидаанд, ки татбиқи онҳо дар амалия аз ҷониби Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор доранд.

Теъдоди интишороти нашрнамудаи унвонҷӯ ба мазмуну муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферати диссиртатсия мутобиқат мекунад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои илман асоснокшуда, интишороти илмӣ, ки бо саҳми бевоситаи ӯ омода карда шудаанд, бо маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ собит мегардад.

Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдароии диссертатсия ва автореферати диссертатсия қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

Сохтори диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон аз номгӯйи ихтосораҳо, муқаддима, 2 боб, 10 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба амали натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат мебошад.

Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд ва онҳо дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯ 10 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд, аз ҷумла:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Исозода Б.Ч. Значение судебной защиты в системе механизмов защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 2 (06). – С. 71-72. – ISSN: 2414-9217.

[2-М]. Исозода Б.Ч. Понятие и сущность судебной защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода // Государствоведение и права человека. – 2017. – № 4 (8). – С. 129-134. – ISSN: 2414-9217.

[3-М]. Исозода Б.Ч. Заминаҳои таърихии ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон оид ба таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои

инсон ва шаҳрванд [Матн] / Б.Ч. Исозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 83- 94. – ISSN: 2414-9217.

[4-М]. Сафарзода Б.А., Исозода Б.Ч. Масъалаҳои назариявии раванди ислоҳот ва такмили фаъолияти ҳокимияти судӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон [Матн] / Б.А. Сафарзода, Б.Ч. Исозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – № 4 (32). – С. 7- 14. – ISSN: 2414-9217.

[5-М]. Шакл ва принсипҳои фаъолияти ҳокимияти судӣ оид ба таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Б.Ч. Исозода // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №6. Қисми 1 – С. 264-271. – ISSN: 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[6-М]. Исозода Б. К вопросу о понятии судебной защиты прав человека [Текст] / Б.Ч. Исозода // Материалы Республиканской научно-практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы». – Душанбе, 2021. – С. 126-129.

[7-М]. Исозода Б.Ч. Таносуби маҳфуми ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон [Матн] / Б.Ч. Исозода // Материалы международной научно-практической конференции «Таджики в зеркале истории», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (27 октября 2023 года). Часть I. (право, экономика). – Душанбе, 2023. – С. 95-101.

[8-М]. Сафарзода Б.А., Исозода Б.Ч. Исторические предпосылки реформирования судебной власти в Республике Таджикистан [Текст] / Б.А. Сафарзода, Б.Ч. Исозода // Материалы международной научно-практической конференции «Таджики в зеркале истории», посвященной 115-летию академика Бободжона Гафурова (27 октября 2023 года). Часть I. (право, экономика). – Душанбе, 2023. – С. 178 185.

[9-М]. Сафарзода Б.А., Исозода Б.Ч. Понятие института защиты прав человека [Матн] / Б.А. Сафарзода, Б.Ч. Исозода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқши-носӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 52-58.

[10-М]. Исозода Б.Ч. Мафҳум ва моҳияти ҳимояи судии ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.Ч. Исозода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 52-58.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Исозода Баҳодур Чиллахон аз ҷониби кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пажӯҳиши анҷомёфта дониста шуда,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмӣ-соҳавии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудани дараҷаҳои илмӣ ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Исозода Баҳодур Чиллахон дар мавзуи «Нақши ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 13 феврали соли 2025, №7 қабул карда шуд қабул карда шуд. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар, суратмаҷлиси №10 аз 20-уми майи соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, и.в.
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии
муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Мирализода И.Қ.

**Котиби ҷаласа:**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Бобозода У.Э.

Имзоҳои Миралиев И.Қ.
ва Бобозода У.Э.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«22» 05 2025